# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. Физиология**

Муаллифи таҳқиқоти илмӣ мавзуи хеле мубрам - тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор додааст. Пандемияи COVID-19 яке аз серталафоттарин пандемия дар таърихи инсоният ба монанди пандемияҳои вабо ва тоун ба шумор меравад. Сироят асосан илтиҳоби луобпардаҳои роҳҳои болоии нафас ва шушҳоро ба вуҷуд меорад, ки дар натиҷа вазифаи шушҳо вайрон шуда, боиси вайроншавии мубодилаи газҳо дар хун мегардад.

Дар натиҷаи беморӣ на танҳо узвҳои нафаскашӣ, балки дилу рагҳои хунгард, гурдаҳо ва ҷигар иллат гирифта, фаъолияти физиологии онҳо вайрон мешавад.

Муаллифи диссертатсия дар бандҳои алоҳида бо истифода аз услубҳои муосири ташхис тағйирёбии газҳои таркибӣ ва ҳолати гомеостази ишқорию кислотагии хун, ҳолати электролитӣ, нишондиҳандаҳои хуни канорӣ, системаи лахташавии хун ва нишондиҳандаҳои биохимиявии хуни беморони COVID-19 - ро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Навгонӣ ва ҷанбаҳои муҳимми таҳқиқот аз он иборатанд, ки муаллиф омӯзиши таркиби газҳои хуни шараёниро омӯхта, муайян намудааст, ки дар натиҷаи вайроншавии мубодилаи оксиген ва дуоксиди карбон дар организм атсидоз ба вуҷуд меояд. Таҳлили нишондиҳандаҳои лахташавии хун, муайян намудааст, ки дар беморон пастшавии вақти умумии лахташавии хун, вақти протромбинӣ, таносуби байналмилалии муқарраршуда, вақти қисман фаъолшудаи тромбопластинӣ ва баландшавии миқдори фибриноген мушоҳида карда мешавад.

Дар формулаи лейкотситӣ, бахусус, дар гурӯҳи беморони миёна ва вазнин зиёдшавии миқдори лейкотситҳо ва босуръат болоравии нишондиҳандаи суръати такшиншаии эритротситҳо бо лағжиши формулаи лейкотситӣ ба тарафи чап мушоҳида карда шудааст. Дар беморон вобаста аз дараҷаи вазнинии беморӣ пастшавии миқдори электролитҳо ва баландшавии фаъолнокии ферментҳои аминотрансферазаҳо мушоҳида карда шудааст.

Таҳқиқоти илмӣ аз он ҷиҳат аҳамияти илмӣ дорад, ки сари вақт муайян намудани таъғйиротҳои дар организми беморон бавуҷудомада, имкон медиҳанд, ки онҳо сари вақт бартараф карда шаванд ва норасогии узвҳои ҳаётан муҳим, ки аксар вақт сабабгори марги беморон мегардад пешгирӣ карда шавад. Хулоса ва тавсияҳои дар автореферати диссертатсия пешниҳодгардида ба натиҷаҳои таҳқиқотҳои озмоишгоҳӣ ва коркарди омории маълумоти бадастомада асос ёфта, аз ҷиҳати илмӣ эътимоднок мебошанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ муҳокима карда шудаанд. Доир ба мавзуи таҳқиқот 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маҷмуаи маводи конференсияҳои илмию амалӣ ба нашр расидаанд.

Автореферати диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026 №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Новобаста аз аҳамияти баланди илмию амалӣи таҳқиқот, дар автореферати унвонҷӯ якчанд камбудиҳо, ба монанди ғалатҳои грамматикӣ муайян карда шуданд, ки ба сифати таҳқиқот таъсиррасон нестанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз руйи ихтисоси 1.5.34. Физиология пешниҳод гардидааст, дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз руйи ихтисоси 1.5.34. Физиология сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Доктори фалсафа (Phd) аз рӯйи ихтисоси
6D060700 Биология кафедраи фанҳои
табиӣ – риёзӣ Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода Ҳафизов Д.Ш.
**Суроға:** ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев 44, ҳ-107
Тел:918 81 82 98, E-mail: davlatyor_2015@mail.ru

Имзои Д. Ш. Ҳафизов-ро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Сиҷоатова М.Ғ.
**Суроға:** ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев 17/6
Тел: 237 25 82, E-mail: sijoatova@mail.ru
«16» 11 2026с.